# НАМУДҲОИ ТАЪМИНОТИ БАРНОМАВӢ

Маълум аст, ки баҳрабардорӣ аз технологияи компютерӣ дар асоси таъминоти барномавӣ амалӣ мегардад. Таъминоти барномавӣ барои компютерҳои муосир навъ ва намудҳои ниҳоят мухталиф дошта, ба корбарон имконият медиҳад масъалаҳои гуногунро тавассути компютер ва технологияи иттилоотӣ ҳал намоянд. Таъминоти барномавии компютериро ба таври умда, аслан ба се гурӯҳ ҷудо менамоянд:




Таснифи барномаҳои компютерӣ

- таъминоти барномавии системавӣ;
- таъминоти барномавии амалӣ;
- афзорҳои барномарезӣ.

Таъминоти барномавии системавӣ алоқамандии афзорҳои компютерро таъмин намуда, иҷрошавии дигар барномаҳоро мусоидат менамоянд. Ҷузъи ниҳоят муҳими таъминоти барномавии системавиро системаҳои омилӣ ташкил мекунанд.

**Системаҳои омилӣ** – маҷмӯи барномаҳои ба ҳам алоқаманд буда, ҳангоми бакордарории компютер фаъолияти худро оғоз менамояд ва байни корбар ва компютер интерфейс[1] ташкил

[1] interface – аз забони англисӣ гирифташуда, ҳамоҳангӣ, алоқамандӣ, мувофиқатро ифода

менамояд. Системаи омилӣ (СО) имконият медиҳад, ки ба воситаи клавиатура ё муш дастурҳо ба компютер дохил карда шаванд, матни санадҳо, графику расмҳо ва дигар намуд иттилоот бо номҳои муайян дар дискҳо сабт карда шаванд, барномаҳои амалӣ аз дискҳои винчестерӣ, дискетҳо ё дигар воситаҳо ба хотираи фаврӣ бор карда шуда, ба кор омода шаванд. Маҳз ба воситаи СО ҳамаи қисмҳои компютер ва захираҳои он (хотираи фаврӣ, микдори ҷой дар дискҳо) идора карда мешаванд. СО иртиботи (диалог) байни компютеру корбарро барқарор менамояд, байни истифодабаранда, барномаҳои амалӣ ва қисмҳои гуногуни компютер муҳити мусоиди корӣ муҳайё месозад.

**Драйверҳо.** Ба таъминоти барномавии системавӣ инчунин барномаҳои драйверӣ низ шомил мешаванд. Драйверҳо барномаҳои махсус мебошанд, ки фаъолияти ин ё он қисми техникии ба компютер ҳамроҳшавандаро идора менамоянд. Одатан драйверҳоро дар якҷойягӣ бо таҷҳизотҳои ба компютер насбшаванда дастрас менамоянд. Бастаи драйверҳои нисбатан маъмулро системаи омилӣ дар бар мегирад.

Инчунин ба таъминоти барномавии системавӣ дигар барномаҳои хизматрасонии компютерӣ аз қабили барномаҳои зидивирусӣ, барномаҳои профилактикӣ, барномаҳои ҳифзи иттилоотӣ, барномаҳои бартарафкунии хатогиҳои дискҳо ва ғайра шомил мешпаванд. Барномаҳои системавиро дар баъзе ҳолатҳо утилитҳо (аз лотинӣ *utilis* – зарурӣ) низ мегӯянд.

**Таъминоти барномавии амалӣ (тадбиқӣ)** яке аз гурӯҳҳои нисбатан калони барномаҳои компютериро ташкил мекунад. Таъминоти барномавии амалӣ гуфта гурӯҳи барномаҳоеро мегӯянд, ки корбарон онҳоро дар компютер бо мақсадҳои муайян барои иҷронамудани мақсадҳои мушаххас баҳрабардорӣ менамоянд.

Ҳоли ҳозир дар раванди кор ва фаъолият доираи васеъи таъминоти барномавии амалиро мушоҳида намудан мумкин аст:

---

менамояд.

- виройишгарони матнӣ ва графикӣ;
- барномаҳои кор бо ҷадвалҳои электронӣ;
- системаҳои идоракунии пойгоҳи додаҳо (СИПД);
- браузерҳои торнигор;
- низомҳои махсуси омӯзишӣ, энсиклопедияҳои электронӣ, бозиҳои компютерӣ
- барномаҳои системавии махсусгардонидашуда, барои худкорсозии фаъолияти касбии муассисаҳо. Масалан, низомҳои худкорӣ бонкӣ, низомҳои худкори идоракунии интиқоли борҳо тавассути тақлиётҳо, низомҳои худкори саноатӣ, низомҳои идоракунии фаъолияти меҳмонхонаҳо ва ғайра.

Таъминоти барномавии амалӣ дар навбати худ ба барномаҳои стандартӣ ва барномаҳои махсус ҷудо мешаванд.

Талабот ба таъминоти барномавии амалии стандартӣ ва махсус ин таъминоти фаъолияти дохили идоравӣ ва иртибот байни иштирокчиёни алоҳидаи бозори сайёҳӣ мебошад, ки аз рӯйи пайвастагии намуди «ширкати сайёҳӣ – оператори сайёҳӣ – пешниҳодкунандаи хизматрасонӣ» роҳандозӣ гардидааст. Баҳрабардорӣ аз ин барномаҳо ба фаъолияти ширкатҳои туристӣ имконияти зеринро пешниҳод менамояд:

- ҷамъоварии иттилоот дар назоми ягонаи иттилоотию технологӣ;
- коркард ва ирсолкунии фаврии иттилоот;
- тарзҳои стандартии технологияи иҷрокунии ин ё он амал;
- сарфаи вақт дар қабули қарорҳои идоракунӣ.

Таъминоти барномавии стандартӣ дар кулли компютерҳо мавҷуд аст ва аз он корбарон мувофиқи мақсадҳои дар пеш гузоштаашон баҳрабардорӣ менамоянд. Таъминоти барномавии махсус бошад, аз самти фаъолияти ширкат вобаста буда иловатан харидорӣ ё ба таври ройгон дастрас гардида ба компютерҳои ширкат насб карда мешаванд.

Таъминоти барномавии махсус (ё махсусгардонидашуда)

барои ҳалли масъалаҳои махсуси маҳдуди тиҷорати сайёҳӣ таҳия мешаванд. Таъминоти барномавии махсусгардонидашуда метавонад барои ширкатҳо дар умум ё барои ширкати мушаххас таҳия гарданд.

Низоми худкори тиҷоратӣ раванди фаъолияти иттилоотии ширкат ё корхонаи дилхоҳро ба пуррагӣ фаро гирифта метавонад. Барномаҳои махсусе, ки имконияти ба пуррагӣ раванди фаъолияти ширкатро фаро гирифтанро доранд, барномаҳои комплексӣ ё низомҳои идоракунии худкор мегӯянд.

Низомҳои идоракунии худкори муосир низоми иттилоотии корхонаҳоро пурра фаро гирифта, фаъолияти кулли кормандонро дар бар мегирад, иттилоотро ба таври фаврӣ барои қабули қарорҳои муҳими идоракунӣ пешниҳод менамояд. Низомҳои идоракунии худкор дар истифодабарӣ осон буда, барои воридкунии тағйиротҳо мусоидат менамоянд ва ниҳоят эътимодноканд. Ин низомҳо одатан аз якчанд модулҳои алоҳидаи байни ҳам алоқаманд иборатанд, ки вазифаи таъмин намудани муҳитии ягонаи иттилоотии кориро иҷро менамоянд.

Дар навбати худ низомҳои идоракунии худкор *қолабӣ* ва *фармоишӣ* мешаванд. Низомҳои идоракунии худкори қолабӣ аз ҳисоби харидори зиёд доштанашон нисбатан арзонанд. Низомҳои идоракунии худкори фармоишӣ мувофиқи дархост ба табъу завқи ширкат мувофиқ сохта шуда қимати гаронтар доранд.

**Афзорҳои барномарезӣ** гуфта воситаҳои худкорсозии раванди коркарди барномаҳои компютериро меноманд. Ба синфҳои афзорҳои барномарезӣ синфи калони забонҳои алгоритмӣ ё забонҳои барномарезӣ шомил мешаванд. Тавассути афзорҳои барномарезӣ барои компютерҳо барномаҳои гуногун эҷод карда мешаванд. Асоси таъминоти барномавии афзорҳои барномарезиро системаҳои барномарезӣ ташкил мекунанд.

**Саволҳо:**

1. Таъминоти барномавии компютериро ба чанд гурӯҳҳо ҷудо

menamoyand?

2. Системаи омилӣ чист?
3. Дарайверҳо дар компютер кадом вазифаҳоро иҷро менамоянд?
4. Таъминоти барномавии амалӣ чист ва кадом намудҳои таъминоти барномавии амалиро медонед?
5. Таъминоти барномавии афзорҳои барномарезӣ гуфта чиро мегӯянд?